# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода С.О. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи инсон, яъне ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур аз он ҷиҳат асоснок карда мешавад, ки ба таври низомнок омӯхтани ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи мушаххас сохтани вазъи ҳуқуқӣ, вижагиҳои амалишавӣ ва ҷанбаҳои такмилталаби низоми кунунии ҳуқуқу озодиҳои шахс зарурат дорад.

Ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои умумии эътирофшудаи байналхалқӣ кафолат дода шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахсӣ, ки Конститутсия онҳоро кафолат медиҳад, дар давраи соҳибистиқлолӣ тадбирҳои муҳим роҳандозӣ карда мешаванд. Дар ин робита, ҳокимияти судӣ низ ба таври марҳилавӣ рушд мекунад. Таҳқиқи мустақилияти ҳокимияти судӣ ва табдили он ба як институти мустақили давлатӣ, барои ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон кӯмак мерасонад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода С.О. дар он таҷассум меёбад, ки масъалаи таҳкими институти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин механизми кафолати судии таъмин

намудани онҳо, дар шароити иҷтимоиву ҳуқуқии муосири ҷомеа ва давлат, маҳз аз муҳимтарин самтҳои рушди низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсионӣ масъалаи муҳими ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ин таҳқиқот ба афкор ва осори назарии ҳуқуқшиносони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ такя мекунад. Хусусан, аз натиҷаҳои илмии соҳаҳои назарияи ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳо истифода шудааст. Навгонии илмии он дар таҳлили комплексии масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон зоҳир мешавад, ки бори аввал дар шакли диссертатсия ба таври ҳамаҷониба омӯхта шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола фароҳам омадаанд, дар таҳияву таҷдиди қонунгузории конститутсионӣ дар самти ҳокимияти судӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои марбута метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар бораи моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Он ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии масъала, аз ҷумла мақоми ҳокимияти судӣ, нақши кафолатҳои конститутсионӣ ва шароити мустақилияти судро таҳлил мекунад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба таҳлили ҳамаҷонибаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофшуда, қонунгузории мурофиавӣ, амалияи судӣ, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии** довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо навгонии илмии диссертатсия, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалие, ки барои ҳимоя

омода шудаанд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ ба чашм мерасад.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 3 конференсияи байналмилалии илмию амалӣ ва 2 конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод шудаанд. Инчунин, доир ба муҳтавои диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин 8 мақола дар дигар нашрияву маҷмуаҳо чоп шудаанд. Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки сабки таълифи диссертатсия, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд бо таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро баръало нишон медиҳанд.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқати комил дорад. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда мураттаб шудааст, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ асос ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои асосноки илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мавҷудияти мақолаҳои зиёди илмӣ, маърузаҳо дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мавзуи таҳқиқшаванда аз пурмаҳсул будани кори унвонҷӯ ва натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои муҳокима ва ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илми ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифзода С.Ш.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел: (+992) 900995909

Имзои Шарифзода С.Ш.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«25» 08 2025 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992-37) 221-77-11;
Факс: (+992-37) 2271510
Email: info@tnu.tj